Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023)**

Автореферати диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” мубрам маҳсуб мегардад. Зеро, дар раванди рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосир, ки он аз рӯзҳои аввали эълон шудани Истиқлолияти давлатӣ оғоз ёфтааст, доир ба масъалаи мутобиқсозии меъёрҳои қонунгузории кишвар ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Тоҷикистон, чораҳои муҳимми расмии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ андешид шудаанд.

Ба низоми ҳуқуқии кишвар шомил намудани меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба он мақсад анҷом дода мешавад, ки ба ин васила, муқаррароти онҳо сифат ва хусусияти нави ҳуқуқии амалро касб менамоянд. Бо ин роҳ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми мақомоти ҳокимияти давлатиро барои риоя намудани ин меъёрҳо ва принсипҳо вазифадор менамояд. Кафолатҳои конститутсионии риояи меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ тавре ки инро принсипи иҷрои бовиҷдононаи уҳдадориҳои байналмилалӣ талаб мекунад, ташкил карда мешаванд.

Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил додани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (қ. 3, м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар назди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, вазифаи муқаррар намудани нигоҳи навро ба мавқеъ ва нақши меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии дохилидавлатӣ қарор медиҳад. Бояд қайд намуд, ки ин принсипи конститутсионӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то охир азхуд ва инкишоф наёфта, ба таври дақиқ ва кофӣ татбиқ намешавад, ки ин равандро муаллиф дар доираи таҳқиқот таҳлилу масъалагузорӣ намудааст. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ на ҳама вақт дар қабул ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба мисли меъёрҳои қонунгузории миллӣ муносибат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он низ ифода гардидааст, ки аҳаммият ва мавқеи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳамзамон, масъалаҳои доираи татбиқи онҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ,

афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд мавриди таҳқиқи комили илмӣ қарор дода шавад.

Мақсади таҳқиқот аз таҳлили маҷмуии масъалаҳои мавқеъ ва аҳаммияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон иборат мебошад.

Автореферати диссертатсия аз лиҳози мазмун ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, метавонанд сифати мусбии автореферати диссертатсия таъмин намоянд. Таҳлили автореферати диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, мушкилоти қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш гардидаанд, инчунин, таҳлили ақидаҳои илмии ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар пояи омӯзиши қонунгузории ҷиноятӣ, ки ба масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ бахшида шудааст, дар он омӯзиш ва таҳлили мушкилоту муаммоҳои амалӣ эҷоду таҳия карда шуда, ҳар яки онҳо баҳри ҳал намудани ин мушкилот равона карда шудааст. Масалан:

1. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро соҳиб буда, мақоми ҳуқуқии онҳо дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст. Дар ин ҳолат зарур дониста мешавад, ки мақоми ҳуқуқии принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мустаҳкам карда шавад. Меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи калидӣ ва хоссаро соҳиб буда, дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои дохилидавлатӣ ба сифати омили пуриқтидори суботи ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат намуда, манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлат, ҷамъият ва шаҳрвандони алоҳидаро ҳифз, мустаҳкам ва ҳимоя менамоянд.

2. Ҳамзамон, рисоланавис пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва принсипи инсондӯстии дар моддаҳои 3 ва 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 7 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешбинишуда, муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки дар қисми 2, моддаи 58 Кодекси ҷиноятӣ аз 6 моҳ то 25 сол пешбинӣ шудааст, он аз 25 соли маҳрум сохтан аз озодӣ ба 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ паст карда шавад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намуда, сабаби такмили яке аз бахшҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили

қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи автореферати диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, ва диссертатсияҳо метавонад ба таври фарох мавриди корбарӣ қарор гирад.

Аз талили автореферати мазкур бармеояд, ки дар диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумоти муфассал дода шудааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда, боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда, мувофиқат менамоянд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос карда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намудааст, вале новобаста аз ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

1. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки бо назардошти муқаррароти моддаҳои 4 ва 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 8 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $9^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«$9^1$. Принсипи манъи ғуломӣ

1) Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шуда, ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҷалб карда шавад.

2) Номгӯйи корҳое, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дониста намешавад, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд».

Вобаста ба пешниҳоди мазкур хуб мебуд, ки муаллиф дар ҳимояи диссертатсия мавқеи илмии худро оид ба принсипи “манъи ғуломӣ” ва хусусияти ҳуқуқии ҷиноятии он, мутаносибии ин принсип ба меъёрҳои умумӣ ва махсуси қонуни ҷиноятӣ васеътар шарҳ диҳад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

Дар матни автореферат доир ба фишурдаи таҳқиқот, яъне вобаста ба таҳлилу баррасии мушаххаси мазмуну моҳияти бобҳо ва параграфҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ камтар маълумот дода шудааст. Муаллифро зарур буд, ки дар ин қисмати автореферат ба таври васеътар масъалаҳои ба доираи таҳқиқот фарогирро муайян менамуд.

Бояд қайд намуд, ки мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Тағозода А.С.

**Имзои Тағозода А.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратуллозода О.Н.

«08» 12 **2023 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 1; Тел.: (+992) 37 233-75-48; факс: (+992) 37 233-01-22; сомона: www.sud.tj; E-mail: info@sud.tj.